# НАМУНАИ

## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни забон ва адабиёти тоҷик
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОИГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**1** **Дар калимаҳои кадом байтҳо ва ҷумлаҳои додашуда ҳангоми талаффуз ҳодисаи фонетикии *афтидани овоз* мушоҳида мешавад?**

**A)** Ҳастам зи ҷон ғуломат, аммо гурезпоям,
Сад борам ар фурӯшӣ, бигрезаму биёям. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** -Аз даричаи чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳидаи ӯ дар ту таҷаллӣ кунад. Саъдии Шерозӣ

**C)** Дил саропардаи муҳаббати ӯст,
Дида оинадори талъати ӯст. Ҳофизи Шерозӣ

**D)** Бо ин соҳиби кулоҳу дастгоҳ ба ҷанг ҷустан шитоб макун, худи Афросиёб ба ҷанги ту меояд. Аз "Достонҳои бузурги "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ"

**2** **Дар ибораҳои ишорашудаи байти зерин калимаҳои ҳамгуни <u>*фарш*</u> чӣ маъно доранд?**

***Гуфтӣ, ки дарнавардам якбора <u>фарши суҳбат</u>,***
***<u>Фарши бигустурида</u> донам, ки чун навардӣ.*** Хоқонӣ

**A)** Ҳар ду калима ба маънои гилеми таги по

**B)** Ҳар ду калима ба маънои макони суҳбат

**C)** Фарши аввал ба маънои гилем, фарши дуюм ҷойи нишаст

**D)** Фарши аввал – печондан, анҷоми сухан, дуюм ба маънои гилем

**3** **Дар кадом ҷумла ибораи рехта маънои** ***ба гуноҳи худ шарик намудани касе*-ро дорад?**

**A)** Бо ҳамин роҳ дар пеши халифа домани худро аз тӯҳмати алоқамандӣ бо Сунбод пок намуд ... Садриддин Айнӣ

**B)** -Аввал ин ки ба даст намеафтам, рафту афтодам, домани ҳеҷ касро намекашам.
Раҳим Ҷалил

**C)** Вай ҳеҷ гоҳ домани каси дигарро бо дасти муҳаббат нахоҳад гирифт ...
Садриддин Айнӣ

**D)** Агар чунин китобхонаи азим маҳв шавад, онҳо то қиёмат аз шумо домангир хоҳанд буд. Сотим Улуғзода ва В. Виткович

**4** **Услуби матни зеринро муайян намоед:**

***Яке аз муҳимтарин арзишҳои таърихии китоб дар он зоҳир мегардад, ки ба василаи он зикри ном ва ахборе аз маъхазҳои қадим маҳфуз мондаанд, ки теъдоде аз онҳо акнун аз байн рафта ва танҳо дар "Таърихи Систон" иттилоъ пайдо карда метавонем. Аз ҷумлаи ин китобҳо, ки муаллифи "Таърихи Систон" истифода ва иқтибос намуда ва имрӯз вуҷуд надоранд, яке "Китоби Гаршосб" -и Абулмуайяди Балхӣ ва дигаре "Фазоили Сиҷистон" -и Ҳилол Юсуфи Авқӣ мебошанд.*** Аз "Таърихи Систон"

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ

**D)** рӯзноманигорӣ

Дарсомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**5** **Ба ҷойи сенуқта феъли замони гузаштаи нақлиро гузоред:**

***- Инак, дар вақти вафоти падарам ман ба дасти модарам ёздаҳмоҳа ...***

Ҳаким Карим

**A)** мондам

**B)** мемонам

**C)** мондаам

**D)** монда будам

**6** **Номи дигари “Шоҳнома”-и Дақиқӣ:**

**A)** “Гаршоспнома”

**B)** “Луҳроспнома”

**C)** “Гуштоспнома”

**D)** “Ҷомоспнома”

**7** **“Дар адл ва тадбиру рой”, “Дар бораи эҳсону лутф” ва “Дар ишқу мастию шӯр” бобҳои кадом асаранд?**

**A)** “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ

**D)** “Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ

**8** **Кадом ҷумла ба байти зерин рабт дорад?**

***Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,***
***Сӯи кӯҳ ояд нидоҳоро садо.*** Ҷалолиддини Балхӣ

**A)** Бодовардаро бод мебарад.

**B)** Ҳисоб ҷав-ҷав, бахшиш лак-лак.

**C)** Аз мукофоти амал ғофил машав.

**D)** Ҳусни худододаро ҳоҷати машшота нест.

**9** **Таҳлили морфологӣ. Калимаҳои ҷумлаи зерин кадом ҳиссаи нутқанд?**

***Фақат кӯршабпаракҳо аз вай мегурезанд, чунки тоби рӯшноӣ надоранд.***

Абдусалом Деҳотӣ

**A)** вай

**B)** чунки

**C)** фақат

**D)** рӯшноӣ

**1)** исм

**2)** сифат

**3)** ҳиссача

**4)** ҷонишин

**5)** пайвандак

**10** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**

***Дар он ҷо ҳаёти ман боз худ мубориза аст.*** Ҳаким Карим

**A)** мубориза аст

**B)** дар он ҷо

**C)** ҳаёт

**D)** ман

**1)** ________________

**2)** ════════════

**3)** 〰〰〰〰〰〰

**4)** _ _ _ _ _ _ _ _ _ _

**5)** _ . _ . _ . _ . _ . _

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**11** **Муайян кунед, ки Абулқосими Фирдавсӣ дар байтҳои зерин ба кадом масъалаҳо ишорат кардааст:**

| | |
|---|---|
| **A)** Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,<br>Дусад гуфта чун ними кирдор нест. | **1)** Бо инсонҳои газофагӯй набояд ҳамнишин буд. |
| **B)** Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,<br>Ҳамон низ бо марди нопокрой. | **2)** “Шоҳнома” дар муддати тӯлонӣ ва барои эҳёи таърихи миллат навишта шуд. |
| **C)** Ба гетӣ намонад ба ҷуз номи нек,<br>Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек. | **3)** Асарҳои бузург боиси ифтихору сарбаландии миллатанд. |
| **D)** Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,<br>Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ. | **4)** Дар олам бояд ному ёди хуб боқӣ гузорем. |
| | **5)** Бартарии инсон аз рӯи амалаш аст, на суханаш. |

**12** **Мавзуи асарҳои Ҷалол Икромиро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** “Қаҳрамони канори Днепр” | **1)** воқеаҳои солҳои сиюми асри XX, муборизаҳои синфӣ |
| **B)** “Гули бодом” | **2)** корнамоиҳои Домуллоҷон Азизов дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ |
| **C)** “Зоғҳои бадмур” | **3)** ҳаёт ва фаъолияти шахсияти номдор Миралӣ Маҳмадалиев |
| **D)** “Духтари оташ” | **4)** зиндагии душвори зани тоҷик дар ибтидои асри XX |
| | **5)** ҳаёт ва фаъолияти ҳунарманди машҳур Туҳфа Фозилова |

**13** **Сифати феълии ҷумлаи зерин дар кадом замон ифода ёфтааст?**

***Ӯ байтҳои хуби ба одам <u>таъсиркунанда</u> мехонд.*** Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**14** **Дар ҷумлаи зерин кадом навъи зарф истифода шудааст?**

***Вале модарам дар ҷойи нишастагиаш карахт шуда монда, якзайл ба берун нигоҳ мекард.*** Сотим Улуғзода

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**15** **Ибораҳоеро, ки бо роҳи алоқаи вобастагӣ таркиб ёфтаанд, ҷудо намуда дар поён нависед:**

***Суҳбат бо шоир, кӯҳсорро сайр кардан, ниҳоли сабз, ғунчаи ношукуфта, дашти тафсон, китоб хондан, сухан гуфтан, бо модар нишастан, аз гул нозук, муддати додашуда.***

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҳар ҷавоби дуруст 0,5 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**16** **Мазмуни ҷумлаи зеринро бо чанд ҷумлаи сода беғалат ифода кардан мумкин аст?**

***Дар ҷойи онҳо акнун ҷӯйҳое, ки ҷадвалвор кашида шудаанд, заминҳое, ки бо раҷҷа тақсим ёфтаанд, пахтазорҳое, ки қатор карда кишта шудаанд, қитъаҳое, ки бо трактор ронда шудаанд, бедҳо ва сафедорҳое, ки дар он биёбони бесояи пештара дар лаби ҷӯйҳо қатор шинонда шудаанд ва бешаҳои навсабзи саксавул, ки барои нигоҳдории пеши роҳи реги равон онҳоро сабзондаанд, менамуданд.***

Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**17** **Навъи ҷумлаи пайравро муайян намоед:**

***Содиқ ҳарчанд ки аз ин паҳлу ба он паҳлу мегашт ва чашми худро мепӯшид, ҳеҷ хоб намекард.*** Садриддин Айнӣ

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**18** **Методи эҷоди бадеиеро, ки дар он ҳаёт “на чунонки ҳаст, балки чунонки мебояд” тасвир мешавад, чӣ номенанд?**

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**19** **Сухан дар бораи кадом асари Мирсаид Миршакар аст?**

***Асар ба давраи охири ҳаёту фаъолияти шоир ва ҳакими асри XI бахшида шуда, дар ду қисм ва ёздаҳ боб бо услуби тамсил навишта шудааст.***

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

**20** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Меравию гиря меояд маро.***
***Соате биншин, ки борон бигзарад.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**Ҷавоб:** ____________________

(!) Ба ҷавоби дуруст 2 хол дода мешавад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## ЛУҒАТ

**Супориш:** маънои калимаҳои дар ҷумлаҳо ва байтҳо ишорашударо нависед.

| № | Байтҳо ва ҷумлаҳо | Маънои калима |
|---|---|---|
| 1 | Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,<br>Чун яке хашм оварад, **кайфар** барӣ.<br>Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | |
| 2 | Зардрӯиҳо туро ***башшош*** хоҳад сохтан,<br>Бар сарат савдои ранги заъфарон хоҳад гузашт.<br>Саййидои Насафӣ | |
| 3 | Маҷӯй айши хуш аз даври ***божгун***и сипеҳр,<br>Ки софи ин сари хум ҷумла дурдомез аст.<br>Ҳофизи Шерозӣ | |
| 4 | Амр фармуд: **лавн**е кунанд аз адас, пиёз ва равғани зайт. “Таърихи Табарӣ” | |
| 5 | Даштҳоро либосҳо рангин,<br>Боғҳоро зи ҳуллаҳо **озин**. Саноии Ғазнавӣ | |
| 6 | Яке аз ***кайд*** шуд пурхун, дигар шуд чок аз туҳмат,<br>Савум Яъқубро аз бӯ-ш равшан гашт чашми тар.<br>Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | |
| 7 | Мардум... ҳам ба падар, ҳам ба модар ва бар писари ту фазилат ва ***руҷҳон*** доранд. “Равзат-ус-сафо” | |
| 8 | Басе як ба дигар даровехтанд,<br>Басе хун дар **овардгах** рехтанд. Низомии Ганҷавӣ | |
| 9 | ***Чопар*** фиристод, ки таҳқиқи ин хабар кунад.<br>Аҳмади Дониш | |
| 10 | Зи ромиш ҷаҳон бонги **хунё** гирифт,<br>Зи бас ҳафт кишвар Сурайё гирифт. Асадии Тӯсӣ | |

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!